«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»

Ректори МДТ «Донишкадаи баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии ҶТ»

д.и.т.________________ Муҳиддинов Н.Д.

«_________» _________________ с.2019

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ТАҚРИЗДИҲАНДА

МДТ «Донишкадаи баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» доир ба арзиши илмии диссертатсияи Хайриддин Ҳоҷӣ Рамазон дар мавзӯи «Баҳодиҳии клиникӣ-эндоскопӣ ва басомади хеликобактер пилории шаклҳои вобастаи решмарази меъда ва рӯдаи 12-ангушта дар сокинони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон», ки барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-038 –и Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиб аз рӯйи ихтисоси 14.01.04-бемориҳои дарунӣ пешниҳод шудааст.

**Мубрамияти мавзӯъ.** Аз охири асри Х1Х ва аввалҳои асри ХХ сар карда, дар гастроэнтерологияи муосир дар омӯзиши масъалаҳои зиёди ташхиси клиникӣ-эндоскопӣ ва морфологӣ, табобат, арзёбии вазнинии ҷараёни бемори, пешгӯйӣ ва профилактикаи решмарази меъда ва рӯдаи 12-ангушта пешравиҳои назаррас ба амал омадааст. Пас аз кашф кардани нақши H. Pylori дар пайдо шудани решмараз фаҳмиши этиология, патогенеза ва табобати ин бемориҳо беҳтар шуд. Аммо масъалаи басомади ошкор намудан ва паҳншавии ин бактерияҳо дар минтақаҳои гуногуни иқлимӣ- географӣ масъали баҳсҳои доманадор боқӣ мемонад. Дар таҳқиқотҳои эпидемиологии пешниҳоднамудаи муаллифони муосир (В.В. Цуканов, 2004; Я.С. Циммерман бо ҳаммуаллифон 2013; M. Blasser et al., 1999) ба вобастагии муайяни этно-экологии паҳншавии H. Pylori ишора шудааст. Дар кишварҳои рӯ ба тараққии Осиё, Африқо, Америкаи Лотин дар

80%-95% -и аҳолии калонсол кантаминатсияи пардаи луобии меъда H. Pylori ошкор карда шудааст (J. Rudi et al, 2000; P. Jippopen, 2002). Ҳол он ки дар кишварҳои мутараққии Аврупо , ИМА ва Япония паҳншавии ин бактерия нисбатан камтар аст ва дар ҳудуди 35-50%-и аҳолӣ қарор дорад. Чунин нуқтаи назар мавҷуд аст, ки 70%-и одамони сироятнокшуда дар давоми тамоми умри худҳомилони солими бактерия ба ҳисоб меравaнд. Муаллифони ҷудогона дар таҳқиқотҳои худ кантаминатсияи пардаи луобии меъда H. Pylori –ро дар 80%-и одамони солими дорои манзараи муътадили гистологии меъда ошкор кардаанд, фақат 30%-и аз хеликобактериоз сироятнокшуда метавонанд, ки гирифтори бемориҳои гуногуни гастродуоденалӣ гарданд: бештар гастрити антралии ва камтар решмарази меъда ва аз он ҳам камтар саратони меъда. Пас, муҳокимаҳои зикршуда мухолифатҳои муайяни фаҳмиши мутлақи этиология ва патогенези решмарази меъда ва рӯдаи 12 ангуштаро нишон медиҳанд, ки масъалаҳои зиёди он баҳснок боқӣ мемонанд ва омӯзиши минбаъдаро тақозо мекунанд.

Дар барорари мавҷуд будани эътирофи умумии накш ва аҳамитяи сироят, H. Pylori дар пайдошавии решмарази меъда ва рӯдаи 12 ангушта, муаллифони зиёде эътироф кардани нақши омилҳои механикӣ, назарияи гастритиро идома медиҳанд. Баъзе муаллифони дигар ба омили пептикии вайроншавии мувозинати арессия ва муҳофизати пардаи луобӣ афзалият медиҳанд ва дар ин маврид аҳамияти шароити психоэмотсионалӣ, иҷтимоӣ-маишӣ ва умуман тарзи ҳаётро таъкид мекунанд. Омили аз тарафи умум эътирофшуда назар ба аҳолии қисми Аврупоӣ дар аҳолии Осиёи Миёна бештар паҳн шудани бемории қисми болоии роҳи ҳозима мебошад, ки бо шароитҳои иқлимӣ-географӣ, хусусиятҳои ғизо ва тарзи ҳаёташон фарқ мекунанд. Дар манотиқи Осиёи Миёна, махсусан дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, ки бо хусусиятҳои этно-географӣ, хусусиятҳои ғизо, бад шудани шароитҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ,маишӣ ва экологӣ, ки ба ҷанги шаҳрвандии тӯлонии идомадошта иртибот тдоранд, бисёр масъалаҳои

патологияи қисми болоии роҳи ҳозима норавшан ва камомӯхташуда боқӣ мемонанд. Вижагиҳои клиникӣ-эндоскопии чараён, басомад ва хусусиятҳои хеликобактери шакли муштараки решмарази меъда ва рӯдаи 12 ангушта, табиати пайдошавии он, вижагиҳои оризаҳо, самаранокии табобат то охир равшану фаҳмо нест. Ҳамаи ин мубрамӣ ва зарур будани баррасии мсъалаҳои баррасикунандаи муаллифро таъкид мекунанд.

**Навгонии илмии натичаҳои ба даст овардашуда, хулоса ва тавсияҳо.**

Бори нахуст дар натичаи анчом додани таҳқиқотҳои клиникӣ, эндоскопӣ ва бактериологии миқдори зиёди беморон вижагиҳои симптоматологияи клиникӣ ва эндоскопии аломатҳои иллатҳои меъда, аксаран шаклҳои муштараки решмарази меъда ва рӯдаи 12 ангушта дар аҳолии маҳаллии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон муқаррар карда шуд. зуҳуроти нисбатан шадидтари аломатҳои классикии решмараз дар ин минтақа муайян карда шуд. Шаклҳои вазнини решмарази меъда ва рӯдаи 12 ангушта, ки бо дардҳои возеҳ ва ихтилолҳои диспептикӣ мегузаранд, кам нестанд. Решмараз бештари вақтҳо дар заминаи гастрити музмин, гастродуоденит, гоҳо бемории гасторэзофагеалии рефлюксӣ бо рефлюкс эзофагит чараён дорад.

Нишон дода шуд, ки дар миқдори зиёди беморон H. Pylori шаклҳои муштараки решмарази меъда ва рӯдаи 12 ангушта дида мешавад. Бештар таркиби генҳои хросомаҳои 6 ва 5 ва камтар 4,3 ба мушоҳида расид.

Муқаррар карда шуд, ки самаранокии табобати эррадикатсионӣ дар синну соли чавонӣ назар ба калонсолӣ бештар самаранок аст. Нуқтаҳои назариявии наве, ки пешниҳод шудаанд, имкониятҳои муҳокимарониҳои ташхисии вазнинии чараёни решмаразро беҳтар месозанд, маълумотҳо дар бораи вижагиҳои минтақавии чараёни решмараз дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистонро пурра месозанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти комплексӣ имконият медиҳанд, ки аз мавқеи тибби муосир ташхиси муфассал шарҳ дода шавад, вазнинии ҷараёни бемориӣ ва пешгӯйии беморӣ баррасӣ гардад ва стратегияи табобобат дуруст тартиб дода шавад. Муқаррар кардани шаклҳои махсуси осебҳои решӣ имконият медиҳанд, ки ин гурӯҳи беморон ба гурӯҳи махсуси дорои хатари баланди пайдошавии оризҳои гуногун дохил карда шаванд.

Самаранокии олии хати авали табобати эррадикасионӣ ҳангоми осебҳои «тоқа-тоқа» ва «бисёр»-и решӣ нишон дода шудааст. Хулосаҳо асоснок буда, мантиқан аз натиҷаҳои таҳқиқот бармеоянд. Тавсияҳои амалиро дар фаъолияти амалии мақомоти нигоҳдории тандурустӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

**Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои ба даст овардаи муаллиф**

Натиҷаҳои ба даст овардаи муаллиф муҳокимаи вижагиҳои минтақавии ҷараёни решмаразі меъда ва рӯдаи 12 ангуштаро дар манотиқи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, фаҳмиши вижагиҳои клиникӣ, эндоскопии ҷараёни осебҳои реши қисми болоии роҳи ҳозимаро беҳтар месозанд. Нишон дода шудааст, ки ба таври эндоскопӣ асосан шаклҳои «тоқа-тоқа», «бисёр» дучор мешаванд, шаклҳои нохуби типии «гирд» ва «пептикӣ» -и осебҳои реши меъда ва рӯдаи 12 ангушта низ кам нестанд. Натиҷаҳои пешниҳошударо ҳангоми тартиб додани барномаҳои омехтаи ташхис ва гузаронидани ташхиси тафриқӣ ба ҳисоб гирифтан зарур аст. Вай амалан имконият медиҳад, ки стратегияи табобати самаранок сохта, вазнинии ҷараёни беморӣ, пешгӯйӣ ва пешгирии решмаразі меъда ва рӯдаи 12 ангушта дуруст арзёбӣ карда шавад.

**Сохтор ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсия бо услуби анъанавӣ таълиф шуда, аз муқаддима, 3 боби таҳқиқотҳои худи муаллиф, натиҷагирӣ, хулосаҳо, тавсияҳои амалӣ ва феҳристи адабиёт иборат аст, дар феҳристи адабиёт 123 адабиёти муаллифони ватанӣ ва 79 муаллифи хориҷӣ оварда шудааст. Маводи диссертатсия бо 20 расм ва 11 ҷадвал ороиш дода шудааст.

Дар **муқаддима** муаллиф ба таври муфассал мубрамияти мавзӯъро баён намуда, мақсади таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳоро мушаххас муайян кардааст.

Боби **«Шарҳи адабиёт»** бо услуби анъанавӣ таълиф шуда, муаллиф масъалаи паҳншвии решмарази меъда ва рӯдаи 12 ангушта, хеликобактериоз ва Helicobacter pylori-и шакли муштараки бемориро дар шароитҳои мухталифи иқлимӣ- геогарафӣ, аз ҷумла дар Осиёи Миёна мавриди баррасӣ қарор додаст. Аломатҳои клиникӣ-эндоскопиии осебҳои решӣ ва басомади ошкорсозии сирояти Helicobacter pylori ба таври муфассал баррасӣ шуда, ба мавҷуд будани маълумотҳои мухолиф дар адабиёти илмӣ бештар таваҷҷуҳ мекунад. Дар асоси адабиёти истифодашуда муаллиф оид ба мубрам будани ин масъала ва зарурати гузаронидани таҳқиқотҳои минбаъдаи баъзе мушкилоти минтақавии бемории меъда ва рӯдаи 12 ангуштаро ба миён мегузорад.

**Боби дуюм -** «Мавод ва усулҳои таҳқиқот» номгузорӣ шудааст. Дар ин ҷо натиҷаҳои мувофиқи синну сол ва аломатҳои ҷинсӣ, шаклҳои ҷараёни решмараз, хусусияти осеби эндоскопии пардаи луобӣ тибқи таснифоти аз тарафи умум қабулшуда гурӯҳбандӣ кардани беморон оварда шудааст. Усулҳои таҳқиқотҳои эндоскопӣ, морфологӣ, бактериологӣ, аксуламали полимерозии занҷирӣ тести ДНК (кислотаи дезоксибонуклеинӣ) сирояти Helicobacter pylori ба таври муфассал баррасӣ шудааст. Муаллиф меъёрҳои ба таҳқиқот дохил кардан ва аз он хориҷ кардани беморонро нишон додаст. Усулҳои муосир ва дастраси таҳқиқотҳо истифода шудаанд, ки имконият медиҳанд натиҷаҳои боэътимод ба даст оварда шавад.

**Бобҳои сеюм ва чорум -** «Натиҷаҳои таҳқиқоти худи муаллиф ва натиҷаҳои самаранокии табобати комплексии эррадикатсионӣ».

Натиҷаҳои таҳқиқот басомади шаклҳои вазнини ҷараёни решмаразро нишон додаст, ки бо шкли классикӣ ҷараён дорад ва дорои синдроми возеҳи дард ва ихтилолҳои диспесикӣ мебошад. Решмараз бештар дар заминаи

гастрити музмин, гастродуоденит, бемории гасторэзофагеалии рефлюксӣ бо рефлюкс эзофагит, деформатсияи пиёзаки рӯдаи 12 ангушта пайдо мешавад.

Бо таҳқиқоти эндоскопӣ бештар решҳои «тоқа-тоқа» ва баъзан «бисёр», решҳои оқибати нохубдоштаи типи «пептикӣ» ва «гирд» ошкор карда шуданд. Муаллиф нишон додааст, ки оқибати нохуби осебҳои решӣ бештар ҳангоми решмарази меъдаи мардҳои калонсол ба мушоҳида мерасад. Оризаи бештар дучоршаванда деформатсияи пиёзаки рӯдаи 12 ангушта (38,1%), аломатҳои хуншории ноаён (17,8%), пилоростеноз (22,0%) ба ҳисоб меравад. Басомади зиёди Helicobacter pylori шакли муштараки решмараз (74,5% ҳангоми решмарази меъда, 80,0% решмарази рӯдаи 12 ангушта) вазнинии бемориро муайян мекунад.

**Боби чорум**. Дар ин боб натиҷаҳои самаранокии табобати комплексӣ тибқи схемаи Маастрихтии табобати секарата оварда шудааст. Натиҷаҳои табобат аз синну сол ва ҷойгиршавии осеби решӣ, штаммҳои Helicobacter pylori вобаста буд. Ҳангоми решмарази меъда эррадикатсияи пурра дар 71,8%, хадшавӣ дар 60,0%, решмарази рӯдаи 12 ангушта дар 87,5%, хадшабандӣ да 83,5% ба қайд гирифта шуд.

Дар хулосаи диссертатсия муаллиф натиҷаҳои таҳқиқотро ҷамъбаст намуда, натиҷаҳоро шарҳ додаст, муаллиф дар асоси онҳо хулосаҳои мантиқӣ баровардa, тавсияҳои амалӣ пешниҳод кардааст. Ҳамаи нуқтаҳои илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии диссертатсия коркард шуда ва эътимоднок мебошанд. Хулосаҳо мантиқан аз натиҷаҳо ва нуқтаҳои асосии таҳқиқот бармеоянд. Тавсияҳои амалии пешниҳоднамудаи муаллиф бо нишон додани вижагиҳои минтақавии решмараз барои фаъолияти амалии табибони терапевт, ҷарроҳон, табибони оилавӣ, ки дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон кору фаъолият мекунанд муҳим арёбӣ мешаванд.

**Хулоса.** Ба диссертатсияи Хайриддин Ҳоҷӣ Рамазон баҳо дода, гуфтан мумкин аст, ки рисолаи илмӣ аз ҷиҳати навгонии илмӣ, аҳамияти амалӣ доштан кори ба анҷомрасидаи илмӣ- квалификатсионӣ буда, барои тибби илмии амалӣ аҳамияти ниҳоят бузург дорад. Хулосаҳои муаллиф асоснок

буда, мантиқан аз натиҷаҳои таҳқиқоти муаллиф бармеоянд. Маводи нашркарда ва автореферат нуктаҳои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

**Оид ба таълифи диссертатсия эродҳои ҷиддӣ нест**

Диссертатсия мувофиқи талаботи корҳои диссертатсионӣ, ки барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои тиб пешниҳод шудаанд, таълиф шудааст. Дар матни диссертатсия миқдори ками хатоиҳои услубӣ ба назар расиданд, ки ба ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии рисолаи илмии мазкурро коста намесозанд.

Хулоса, диссертатсияи Хайриддин Ҳоҷӣ Рамазон дар мавзӯи «Баҳодиҳии клиникӣ-эндоскопӣ ва басомади хеликобактер пилории шаклҳои вобастаи решмаразӣ меъда ва рӯдаи 12-ангушта дар сокинони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон», аз лиҳози навгонии илмӣ, мубрамият, аҳамияти амалӣ ва назарӣ, ҳаҷми таҳқиқотҳои анҷомдодашуда, усулҳои таҳқиқот ба талаботи «Низомномаи Намунавӣ дар бораи шӯроҳои диссертатсионӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ ва барои диссертатсияҳои номзадӣ пешбинӣ шудааст, пурра ҷавобгӯ ва муаллифи он барои сазовор гаштан ба унвони илмӣ аз рӯйи ихтисоси 14.01.04 – бемориҳои дарунӣ арзанда мебошад.

Диссертатсия ва тақриз дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои терапия ва кардиоревматология ва кафедраи терапия бо курси геронтология МДТ Донишкадаи баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии ҶТ», протокол и №9 аз « 4 » июни соли 2019 муҳокима ва маъқул дониста шудааст.

**Раиси ҷаласа,**
**мудири кафедраи терапия ва**
**кардиоревматология МДТ «Донишкадаи**
**баъдидипломии кормандони**
**соҳаи тандурустии ҶТ»**
**узви вобастаи АИТ ВТ ва ҲИА ҶТ д.и.т.,профессор Шукурова С.М.**

**Эксперт,**
**Ассистенти кафедраи терапия ва кардиоревматологияи МДТ «Донишкадаи баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии ҶТ» н.и.т.** **Рофиева Ҳ.Ш.**

**Котиби илмӣ,**
**Мудири кафедраи терапия бо курси геронтологияи МДТ «Донишкадаи баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии ҶТ», н.и.т., дотсент** **Ахунова Н.Т.**

Имзои доктори илмҳои тиб, профессор Шукурова С.М., номзади илмҳои тиб Рофиева Ҳ.Ш. ва н.и.т. дотсент Ахунова Н.Т.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои МДТ «Донишкадаи баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии ҶТ»

ПОДПИСЬ
ЗАВЕРЯЮ
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ
« 04 » 06 2019г.

**Ҳафизова Ф.А.**

**Иттилоот барои тамос: МДТ «Донишкадаи баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии ҶТ»**
**Сӯроғаи муассиса: 734026, ш. Душанбе, хиёбони И.Сомонӣ, 59.**
**Тел/факс:+992 2361820**
**Почтаи электоронӣ: E-mail: info@ipovszri.tj**
**Web-: ipovszri.tj**